# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

аз 27 июли соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Ҷурабоев Ғ.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - раиси комиссия, Ҷумъаев Б.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, Досиев М.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад **хулосаи** зеринро қабул намуд:

I. Мавзӯи диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, муҳим ва рӯзмарра буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ на танҳо аз ташаббус, сармоя ва қобилияти идоракунии соҳибкорон, балки аз дараҷаи ташаккул ва рушди инфрасохтори мусоиди соҳибкорӣ вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, ташаккули инфрасохтори мукаммал, дастрас ва ба талаботи иқтисоди муосир ҷавобгӯ шарти муҳими рушди бахши хусусӣ ва беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад, ки он бе ташаккул ва рушди низоми мукаммали инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ имконнопазир мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ пеш аз ҳама бо он муайян мегардад, ки инфрасохтори мавҷудаи фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ҳанӯз тамоми талаботи субъектҳои соҳибкориро пурра қонеъ намегардонад.

Ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ мавҷудияти инфрасохтори муҳандисӣ, энергетикӣ, нақлиётӣ, логистикӣ, анборӣ, технологӣ ва инноватсиониро талаб менамояд. Нокифоя будани чунин инфрасохтор боиси афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ, паст гардидани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва маҳдуд шудани имкониятҳои воридотивазкунӣ ва содирот мегардад.

Бо вуҷуди аҳамияти назариявӣ ва амалии масъала, ҷанбаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҷмӯӣ ва низомнок ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

Омӯзиши илмии масъала имкон медиҳад, ки заминаҳои назариявию методологии рушди инфрасохтори соҳибкорӣ такмил дода шуда, роҳу механизмҳои самараноки ташаккул ва рушди он бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гарданд.

II. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи номбурдаи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, №295)тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

III. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 (№488/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

IV. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Азизӣ Муътабар Гулмаҳмад дар мавзуи «Ташаккул ва рушди инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

   - Аминов Иномҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

   - Валиев Низомиддин Шаробуддинович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори раёсати рушди стратегӣ ва идоракунии сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин карда шавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

д.и.и., профессор — Ҷурабоев Ғ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

д.и.и., дотсент — Ҷумъаев Б.М.

д.и.и., дотсент — Досиев М.Н.